Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

11 январи соли 2025
Шанбе
№ 4 (15119)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Муносибат*

## ДАР МАҲАЛЛАҲО СОҲИБКОРОН ЗИЁД ШАВАНД, ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ҲАМ МЕАФЗОЯД

***Бекорӣ яке аз мушкилоти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки бевосита ба манфиатҳои инсон таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, дар мамлакат ба таъмини шуғли аҳолӣ, ки бекоранд ва манбаи даромад надоранд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Бахусус, тавассути омӯхтани шавқмандии ҷавонон ва занону духтарон, онҳоро ба марказҳои таълимӣ, ки касбу ҳунар ва асрори соҳибкориро меомӯзанд, вобаста карда, бо шуғл фаро мегиранд.***

Дар татбиқи чунин корҳо сохтори маҳалла ба такягоҳи асосӣ табдил ёфтанд. Тавассути муайян кардани ҷойҳои холии кории мавҷуда дар маҳаллаҳо ва талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба коргарони мавсимӣ, шаҳрвандон бо кор таъмин мегарданд. Дар ин раванд пеш аз ҳама ҷавонон ва бонувоне, ки дар «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» сабти ном шудаанд, бо кор таъмин ва ҳамзамон ба корҳои ҷамоатии музднок ҷалб мешаванд.

Инчунин, бо мақсади рушди соҳибкории оилавӣ ба сокинони маҳалла барои роҳандозии фаъолияти тиҷоратӣ дар соҳаҳои ҳунармандӣ, бофандагӣ, истифодаи самараноки замин, истеҳсолоти хурд, хидматрасонӣ ва дигар намудҳои фаъолият бобати гирифтани қарз дар доираи барномаҳои соҳибкории оилавӣ кумак мерасонанд. Дар натиҷа, шумораи одамоне, ки аз маҳаллаи худ дур нашуда, фаъолияти тиҷоратиро ба роҳ мемонанд, меафзояд. Онҳо на танҳо худ, балки аъзои оила, фарзандони оилаҳои камбизоати минтақаро бо кор таъмин мекунанд.

Чанд рӯз муқаддам ба Президент оид ба чораҳои таъмини шуғл ва соҳибдаромад кардани аҳолии маҳаллаҳо бо иштироки бонкҳо ахборот дода шуд.

Бояд гуфт, ки дар ин бора дар ҷамъомади видеоселектории 16 декабри соли гузашта низ супориши алоҳида дода шуда буд. Бар асоси ин, дар соли 2025 бо ҷойи кор таъмин кардани ҷамъ 5 миллиону 200 ҳазор нафар, аз ҷумла аз тарафи бонкҳо таъмини шуғли беш аз 3 миллион нафар ба нақша гирифта шуд. Ин маънои онро дорад, ки ин қадар одамон соҳиби ҷойи корӣ, манбаи даромад мешаванд ва хушбахтона зиндагӣ мекунанд.

Бо ин мақсад аз тарафи ҳокимони 208 шаҳру ноҳия ва роҳбарони бонкҳо аз рӯйи таъмини шуғл ва афзунсозии даромади аҳолӣ шартномаҳои ҳамкорӣ имзо гардиданд, дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мушаххаси тарафҳо нишон дода шуд.

Барои ҳар як маҳалла нишондиҳандаҳои мақсаднок муқаррар гардида, 1 миллиард доллар захираҳои кредит, ки дар доираи барномаи «Лоиҳаи маҳалла» барои таъмини шуғли аҳолӣ ҷудо гардидааст, дар қиёси бонк ва минтақаҳо тақсим карда шуд. Аз рӯйи таҳияи лоиҳа ҷудо кардани кредит, таъмини шуғли аҳолӣ барои роҳбари бонки ноҳия нишондиҳандаи самараноки ҳармоҳа гузошта шуд.

Албатта, чунин таваҷҷуҳ ба ин масъала беҳуда нест. Сабаб, мо дар рафти вохӯриҳо дар минтақаҳо бо бисёр ҷавонон, занону духтарон суҳбат мекунем, мулоқот менамоем. Бояд гуфт, ки дар аксари онҳо барои бо соҳибкорӣ машғул гардидан, оғози фаъолияти тиҷоратӣ шавқу рағбат баланд аст. Чашмонашон медурахшад, дилашон саршори орзуст. Аммо барои сари ягон корро гирифтан, татбиқ кардани лоиҳаи худ имконият надоранд.

Акнун раиси Бонки марказӣ ва ҷонишинҳои ӯ ба минтақаҳо баромада, кори филиалҳои бонкҳои минтақаро дар маҳаллаҳо дар асоси тамоюли нав ташкил мекунанд, ки ин айни муддаост. То 1 феврали соли 2025 дар филиали бонкҳо дар ноҳияҳо шуъбаҳои корбарии маҳаллабайъ ташкил шуда, ба онҳо таъин гардидани «бонкирҳои маҳалла» ва дар ҳар як маҳалла барои корбарии якҷоя интихоб шудани «агентҳои ёрирасон» қарори бениҳоят дуруст ва оқилона мебошад.

Ҳоло ин на ҳамаи навгониҳо аст. Инчунин, бонкҳои минтақавӣ ва ҳокимони ноҳияҳо аҳолиро бо лоиҳаҳои тайёри тиҷоратӣ шинос мекунанд, роҳҳои татбиқи онҳоро меомӯзанд. Системаҳои иттилоотии «online-mahalla.uz», «bank-kredit.uz» ва «soliq.uz» интегратсия гардида, иҷрои супоришоти дар назди масъулон гузошташуда ҳаррӯза таҳлил карда мешавад. Ин дар навбати худ, барои боз ҳам беҳтар гардидани фазои корчаллонӣ дар мамлакат, тавсеаи минбаъдаи теъдоди субъектҳои нави соҳибкорӣ ва рушди он дар ҳар як маҳалла замина фароҳам меоварад.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки соли 2025 дар таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ соли ҳалкунанда хоҳад шуд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имсол тавассути арҷ гузоштани қадри инсон, таъмини шуғли аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ, корҳое, ки ба беҳсозии фаровонии рӯзгори мардум нигаронида шудаанд, ба марҳилаи нав мебароянд.

Тамоми саъю ҳаракатҳое, ки барои таъмини шуғли аҳолӣ ва соҳибдаромад кардани онҳо дар маҳаллаҳо амалӣ мегарданд, чораҳои дар ин самт андешидашуда, барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар минтақаҳои дурдаст, густариши соҳибкорӣ ва афзоиши даромади воқеии аҳолӣ хидмат мекунад. Танҳо дар он сурат корҳои сохторӣ самараи худро медиҳанд.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

## ҶАМОАИ МУТАХАССИСОНИ БОМАЛАКА

*Имрӯзҳо дар сехи асбобҳои назорату ченкунӣ ва автоматии Ҷамъияти саҳҳомии «Navoiyazot», ки дар мамлакатамон драйвери саноати кимиё ба шумор меравад, 115 нафар коргарон меҳнат мекунанд.*

*Вазифаи асосии сехи мазкур аз истеҳсолот, дуруст кор кардани онҳоро дар асоси стандартҳо тасдиқ кардан ва таъмири асбобҳои ченкунии сехҳои дигар мебошад.*

*Ҷамоаи мутахассисони соҳибихтисос дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва сохтмони асосӣ, ки дар заминаи ҷамъияти саҳҳомӣ амалӣ мешаванд, инчунин дар насб кардан ва ба кор андохтани асбобҳои ченкунии замонавӣ дар корхонаҳои навбунёд фаъолона саҳм мегузоранд. Насб кардани асбобҳои муосири ченкунӣ барои тиҷорат ва саноат аҳамияти стратегӣ дорад, зеро онҳо дар назорати сифат, оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии самараноки захираҳо нақши муҳим доранд. Таъмини насб ва дуруст кор кардани онҳо барои кори доимӣ ва самарабахш муҳим аст.*

***Дар сурат:** дар сехи Ҷамъияти саҳҳомии «Navoiyazot».*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ӮзА).***



***Дар Ӯзбекистон ҳимояи манфиати ҳамаи қишрҳои аҳолӣ дар зинаи аввал қарор дорад. Дар кишвар барои пайваста татбиқ намудани тамоюлҳои афзалиятноки кафолати ҳуқуқ, манфиат ва шарафи инсон, ки дар Қонуни асосӣ зикр шудаанд, чораҳои васеъмиқёс андешида мешаванд. «Мо, инчунин, корҳоро оид ба фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои шахсони ногиро, иҷтимоисозии онҳо ва умуман таъмини фарогирӣ дар ҷомеа ба сатҳи нав мебарорем», гуфта шудааст дар табрики Президент Шавкат Мирзиёев ба халқи Ӯзбекистон бахшида ба 8-уми декабр – Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***

### Гурӯҳи «Ғамхӯрлик»:

## ОН БАРОИ ЧӢ ХИДМАТ МЕКУНАД?

Қарори Девони Вазирон аз 25 январи соли 2024 «Дар бораи чораҳои реабилитатсияи сохтор ва кӯдаконе, ки ба гирифтани таълим эҳтиёҷи махсус доранд», далели боэътимоди андешаҳои фавқ мебошад. Қарор бо мақсади татбиқи амалии нишондодҳои фармони Президент «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ бобати хидмат ва кумакрасонии босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва роҳандозии низоми назорати самарабахши онҳо» аз 1 июни соли 2023 қабул гардида, мувофиқи он мактаб, мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои таълими томактабии тахассусонидашудаи кӯдакону наврасони ногирои ҷисмониву зеҳнӣ, аз тасарруфи Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ ба Агентии миллии ҳимояи иҷтимоии назди Президенти ҷумҳурӣ гузаронида шуданд. Бо тавсияи Комиссияҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (КПТП) кӯдакон ва наврасони ба таълиму тарбияи махсус эҳтиёҷдошта ба муассисаҳои тахассусонидашудаи назди Агентии миллии ҳимояи иҷтимоии назди Президент қабул мешаванд. Дар муассисаҳои мазкур гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» ба фаъолият шурӯъ намуданд. Бо иловаи 3-юми ҳамин қарор низом «Дар бораи гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» тасдиқ гардид. Дар он моҳият, мақсад ва вазифаҳои гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» возеҳу равшан инъикос ёфтааст. Мувофиқи низом кӯдакони носолим, ки халали ҷисмонӣ ва зеҳнӣ дошта, ба муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабӣ фаро гирифта нашудаанд ва ба таълиму тарбияи махсус эҳтиёҷ доранд, ба гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» ҷалб карда мешаванд. Онҳо ба гурӯҳи «Ғамхӯрлик» бо тавсияи КПТП қабул мегарданд. Ба гурӯҳи «Ғамхӯрлик» вобаста ба намуди беморӣ кӯдакони носолими 3-6 ва 7-16 сола қабул карда мешаванд.

Мақсад аз ташкили гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» ҷиҳатҳои ба таълиму тарбия эҳтиёҷдоштаи онҳоро ба назар гирифта, парвариш ва таълиму тарбия додан аст. Дар ин маврид синну сол, имконият ва қобилияти кӯдакони ногиро ба инобат гирифта шуда, таҷрибаи худхидматрасонии онҳо ташаккул дода мешавад. Ва дар ин замина барои падару модарон имконияти «истироҳати иҷтимоӣ» пайдо мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки муассисаҳои тахассусонидашудаи таълими томактабӣ, мактаб ва мактаб-интернатҳо барои парвариш ва таълиму тарбияи кӯдакони ногиро бо 66 номгӯ асбобу анҷоми зарурӣ таъмин гардидаанд. Барои ин гурӯҳҳо соатҳои таълимӣ то 4 соат муайян шудааст. Дар гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» таълим ройгон аст.

Мувофиқи қарори Девони Вазирон таъсис ва ташкили гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» аз 1 феврал дар шаҳри Тошканд, аз 1 апрел дар вилояти Тошканд ва аз 1 августи соли 2024 дар ҳамаи вилоятҳо ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон сурат гирифтааст. Нахустин гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» дар муассисаи тахассусонидашудаи таълими томактабии рақами 16-уми шаҳри Навоӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

– Ман бо имконият ва шароити гурӯҳҳо аз наздик шинос шудам. Бе ягон дудилагӣ духтарамро ба ин гурӯҳ супоридам, – гуфт Рухсора Рустамова. – Ин ҷо барои парвариш ва таълиму тарбияи духтарам ҳама гуна имконият мавҷуд аст. Вақте ки духтарам дар хона буд, ман ба нигоҳубини ӯ машғул будам. Имконияти кор карданро надоштам. Духтарамро ҳар пагоҳӣ ин ҷо оварда, бехавотир ба шуғли худ машғул мешавам. Аз сиёсати давлат розиам, ки барои парвариш ва таълиму тарбияи кӯдакони ногиро чунин шароит ва имкониятро фароҳам овардааст.

Дар мактаб-интернати рақами 36-уми ноҳияи Қизилтепа, ки барои қабули кӯдакони ба парвариш ва таълиму тарбияи махсус пешбинӣ шудааст, ба гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» ногироёни 3-7-соларо фаро гирифтаанд. Ба парвариш ва таълиму тарбияи онҳо мутахассисони ботаҷриба сафарбар шудаанд.

Аз кушода шудани гурӯҳҳои «Ғамхӯрлик» падару модарон мамнун гаштаанд. Хуб дарк намуданд, ки ислоҳот барои ислоҳот набуда, танҳо ба манфиати мардум, барои қадру қимати инсон хидмат мекунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар вилояти Фарғона мулоқоти сарони ҳукуматҳои се кишвари ҳамҷавор – Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон баргузор шуд.***

## МУЛОҚОТИ НАХУСТВАЗИРОНИ СЕ КИШВАРИ ҲАМСОЯ БАРГУЗОР ГАРДИД

Тарафҳо ин мулоқотро дар чаҳорчӯби тавофуқоти қаблан ҳосилшудаи миёни сарони давлатҳои се кишвар – Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор намудаанд.

Ҳадаф аз ин дидор таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамгироии минтақавӣ унвон гирифтааст. Дарвоқеъ, ин вохӯрӣ дар минтақае барпо гардид, ки сарҳадҳои се давлатро боҳам муттаҳид менамояд.

Гуфта мешавад, ба шарофати иродаи қавии сиёсии раҳбарони се кишвар ва сиёсате, ки ба муносибатҳои созанда, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек асос ёфтааст, робитаҳои ҳамкории бисёрҷониба дар минтақа беш аз пеш таҳким ёфтаву он сол аз сол ба сатҳи нав мебарояд. Гузашта аз ин, Осиёи Марказӣ минтақаи сулҳу шукуфоӣ маҳсуб меёбад ва чунин мулоқотҳо дар амал ифодаи ин маъниро бозтоб медиҳанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Қарори Президент – дар амал*

## ДАР СУРХОНДАРЁ БУНЁДИ МАРКАЗҲОИ НАВИ САЙЁҲӢ ОҒОЗ ЁФТ

***16 декабри соли сипаришуда Қарори Президент «Дар бораи чораҳои ташкили марказҳои сайёҳӣ, беҳсозии сохтори соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Сурхондарё ва хидматрасонии замонавӣ» қабул гардид. Дар асоси он дар соҳаи сайёҳии вилояти Сурхондарё дигаргуниҳои куллӣ амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, марказҳои сайёҳии «Сангардак» дар ноҳияи Сариосиё, «Амонхона» дар ноҳияи Бойсун ва «Оқтепа» дар ноҳияи Ҷарқӯрғон бунёд хоҳанд шуд.***

Сурхондарё бо табиати мафтункор, гӯшаҳои зебоманзар, обидаҳои таърихиву санъату маданияти ғанӣ ва расму анъанаҳои нотакрор диққати на танҳо сайёҳони ватанӣ, балки хориҷиро низ ҷалб сохтааст. Қарори Президент маҳз ба ҳамин хотир қабул гардид, то дар минтақа соҳаи сайёҳӣ рушд кунад. Мувофиқи қарор аз оғози соли нав ба бунёди Маркази сайёҳии «Сангардак» пойдевор гузоштанд. Ҳокими вилоят бо дуои мӯйсафедони табаррук хишти аввали ин маҷмӯаи сайёҳиро гузошта, бобати аҳамияти соҳаи сайёҳӣ, имконоти мавҷуда барои рушди соҳа ҳарф зад, ба бинокорону мутасаддиён омад таманно намуд.

Барои Маркази сайёҳии «Сангардак» 615 гектар майдон ҷудо шудааст. Дар он нуқтаҳои хидматрасонии замонавӣ, савдову тиҷорат, фароғатгоҳҳои маданӣ бунёд мешаванд. Барои тамошои шаршараи Сангардак, ки аз диданиҳои ҷолиб аст, баҳри сайёҳон шароити мусоид фароҳам мегардад.

Худи ҳамон рӯз ба бунёди марказҳои сайёҳии «Амонхона» ва «Оқтепа» низ асос гузошта шуд. Оби Амонхона ба бисёр бемориҳои узвҳои дохилӣ шифобахш буда, бо вуҷуди бисёр шароит, ба сабаби канда нашудани қадами сайёҳон ба ободии бештар эҳтиёҷ дорад. Аз дигар ҷониб барои рушду нумӯи соҳаи сайёҳӣ обу ҳавои тозаву табиати зиндаи ин минтақа хеле мусоид аст. Барои бунёди ин маркази сайёҳӣ 220,5 гектар замин ҷудо гардид. Дар маросими пойдеворгузорӣ намояндагони ҳокимияти ноҳияи Бойсун, фаъолону собиқадорони меҳнат, мӯйсафедон ширкат варзида, ба оғози ин кори хайр дасти дуо кушоданд.

Масоҳати Маркази сайёҳии «Оқтепа», ки дар соҳили обанбори ҳамном бунёд хоҳад ёфт, 110 гектарро ташкил мекунад. Дар ин ҷо низ барои сайру гашт ва истироҳати бофароғати сайёҳон шароити лозимӣ муҳайё карда мешавад. Мавзеъ ба шаҳри Тирмиз хеле наздик аст ва иқлими Тирмиз гармтарин нуқтаи Ӯзбекистон маҳсуб меёбад. Бунёди маркази сайёҳӣ дар ин минтақа айни муддаост. Барои сайёҳони ватаниву хориҷӣ истироҳат дар ҷойи хушбоду ҳаво, бешубҳа ҳузуру ҳаловат мебахшад.

Худи ҳамон рӯз дар маҷмӯаи ёдгориҳои археологии Далварзинтепаи ноҳияи Шӯрчӣ корҳои таъмиру тармим оғоз ёфтанд. Барои ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, мероси маданӣ, боқимондаҳои шаҳри қадими аҳди Кушон низ корҳои ободонӣ суръат хоҳанд гирифт, ки боиси ба маротиб афзудани миқдори сайёҳон хоҳад шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## 14 ЯНВАР – РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

# ҲИФЗИ ВАТАН – ВАЗИФАИ МУҚАДДАС

***Аҳамияти бузурги таърихиро молик будани қарори Шӯрои Олии ҷумҳурӣ аз 14 январи соли 1992 «Дар бораи қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таълими ҳарбии қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба ҳамаамон маълум. Дар асоси ҳамин ҳуҷҷати муҳим кулли сохторҳои ҳарбие, ки дар ҳудуди мамлакатамон мавқеъ доштанд, ба тасарруфи давлати ҷавони Ӯзбекистон гузаронида шуданд. 29 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи муайян кардани Рӯзи муҳофизони Ватан қабул гардид ва 14 январ «Рӯзи муҳофизони Ватан» эълон карда шуд.***

Давлати соҳибистиқлоли моро лозим меомад ба баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат эътибори аввалдараҷа нигаронад. Дар роҳи ташаккули Артиши миллӣ қадамҳои аввалин гузошта шуданд. Ислоҳоти муттасил дар соҳа самара бахшид. Торафт равшантар ба назар мерасад, ки нуфузи лашкар – муҳофизони боэътимоди диёри озод ва ободи мо дар миқёси байналхалқӣ чӣ тавр баланд мегардад. Хидматчиёни ҳарбиамон ҳар гуна душвориҳоро мардонавор паси сар намуда, қарз ва ӯҳдадориро виҷдонан ба иҷро мерасонанд. Ҷавобан ба ҳамаи ин давлати мо нисбати муҳофизони Ватан ҳамеша ғамхорӣ менамояд. Ҳифзи иҷтимоӣ ва аз ҳар ҷиҳат таъминии онҳо низ мавриди эътибори доимист. Ҷавононе, ки қисмати худро ба артиш пайваста, ин касби пуршарафро интихоб намудаанд ва хидмати ҳарбиро дар назди халқ ва Ватан муқаддас, қарзи олӣ меҳисобанд, аз имтиёз ва шароитҳое, ки барояшон фароҳам оварда шудааст, истифода мебаранд. Беҳуда намегӯянд, ки агар артиши худро парвариш нанамоӣ, лозим меояд артиши дигаронро бонӣ созӣ. Барои ҳамин ҳам дар мамлакати мо хидматчиёни ҳарбӣ мақоми хос доранд. Барпо ва навсозии шаҳрчаҳои ҳарбӣ дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ, айни замон, самараи ғамхории доимӣ нисбати муҳофизони Ватан аст. Дар чунин объектҳо, ки ба таври замонавӣ қад меафрозанд, офаридани шароит ва инфрасохтори иҷтимоию маишии эҳтиёҷоти хидматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳоро таъминкунанда ҳамеша дар маркази эътибор мебошад. Масъалаи таъмини пурраи муҳофизони Ватан бо манзил низ ҳалли худ меёбад.

Солҳои охир эътибор ба Артиши миллӣ мазмун ва моҳияти тоза касб намуд. 9 январи соли 2018 роҳбари давлат ба Қонун «Дар бораи Доктринаи мудофиавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» имзо гузошт. Тавре аксарият огоҳӣ доранд, солҳои 1995 ва 2003 доктринаҳои дифоъи мамлакат қабул гардида ва дар ин ду ҳуҷҷат асосҳои сиёсати давлатӣ дар бораи мудофиа, барпои Қувваҳои Мусаллаҳ, принсипҳои омодагӣ ва фаъолити ҳарбиёни мо ифода ёфта буданд. Вазъият дар ҷаҳон ва минтақаамон водошт Доктринаи мудофиавии нав қабул карда шавад. Хатар ва таҳдидҳое, ки осоиштагиро халалдор месозанд, албатта, ҳарбиёнамонро низ ноором сохта, водор менамоянд назар ба ҳарвақта ҳушёртар бошанд. Ҷуз ин терроризми байналхалқӣ, ҷиноятҳои трансҳудудиву гиёҳмандӣ, ки таҳдидашон торафт ҳисшаванда мегардад, тақозо мекунанд ба мустаҳкамнамоии иқтидори мудофиавии мамлакатамон боз ҳам бештар аҳамият диҳем. Дар вазъи такя ба вазифаҳои устувори таъмини соҳибихтиёрии Ватан ва ягонагии ҳудуди диёрамон, айни замон таҳкими салоҳияти мудофиавии кишвар, таъмини ҳамоҳангиву кушодии сиёсати хориҷӣ, дар навбати аввал, ба роҳ гузоштани муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя дар шароити нави таърихӣ Доктринаи мудофиавии мамлакати мо аз нав қабул карда шуд.

Бо мақсади боз ҳам такмил додани сохтори артиш ва мустаҳкамнамоии иқтидори мудофиавии Ватанамон таҳти ташаббуси Шавкат Мирзиёев дар асоси тамоюли «Артиши миллӣ – ифтихори мо» дар ҳудудҳои гуногуни диёр секторҳои ҳарбӣ-маъмурӣ ташкил карда шуданд. Мақсад – пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи дифоъ ва таъмини ягонагии артишу халқ. Секторҳои мазкур ба мақомоте табдил ёфтанд, ки дар роҳи боз ҳам мустаҳкамнамоии лашкар ва ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳалли масъалаҳои мудофиавии ҳудудӣ хидмат менамоянд. Бахри самараи дилхоҳ бахшидани ислоҳоти бузург дар соҳаи мудофиа, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватанпарварӣ, такмили самаранокии фаъолияти қӯшунҳо, пурзӯрсозии ҳифзи иҷтимоии ҳарбиён ва аъзои хонадони онҳо, рушди инфрасохтори шаҳрчаҳои ҳарбӣ ва полигонҳо чунин секторҳои ҳарбӣ-маъмурӣ ба фармондеҳҳои ҳарбӣ аз наздик кумак мерасонанд.

Ташкил шудани секторҳои ҳарбию маъмурӣ, айни замон, ба дигаргун гардидани ҷаҳонбинии ходимони идораҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва баланд бардоштани масъулияти онҳо низ мусоидат намуд.

Тайи чанд соли охир бо ташаббуси роҳбари давлати мо бинобар баланд бардоштни дараҷаи омодагии лашкар ва қобилияти ҷанговаронаи ҳарбиён, таъмини артиши замонавии миллӣ бо яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ корҳои васеъмиқёс ба роҳ гузошта шуданд. Таъмир ва модернизатсияи силоҳҳо ва техникаи ҳарбӣ низ самарабахш аст. Хусусан, ба ривоҷи қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, мустаҳкамсозии сохтори мудофиа аз ҳуҷуми ҳавоӣ эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Дигар аз ислоҳоти муҳим дар соҳа – ташкил шудани Кумитаи давлатӣ оиди саноати мудофиавӣ мебошад. Ин Кумита дар роҳи ташаккули маҷмӯи саноати миллӣ нақши муҳим мебозад. Самтҳои истиқболии рушди маҷмӯъ дар Доктринаи нави мудофиаи мамлакат низ муайян шудааст.

Дар баробари ғамхорӣ ба ҳарбиён – таъмини онҳо ба манзил, дар муассисаҳои таълимии гуногун ба таҳсил фаро гирифтани фарзандони онҳо ба тарзи имтиёзнок, ҳарбиёне низ фаромӯш намегарданд, ки аснои хидмат ва адои қарзи фарзандӣ (новақт) ҳалок шудаанд. Бо мақсади абадӣ гардонидани ном ва зинда доштани хотираи онҳо бо ташаббуси роҳбари давлат «Номи ҷавонмардон барҳаёт» ном китоб рӯи чоп дид.

Ба 26 нафар ҳарбиёни мо, ки дар ҷанги Сариосиё ҳалок шудаанд, дар мактабе, ки онҳо таҳсил намудаанд, бюст гузошта шуд. Ба 21 оила аз ҷониби секторҳои ҳарбӣ-маъмурӣ ва округҳои ҳарбӣ квартираҳо харида ва тақдим дошта шуд.

Барои ба вазифа бо камоли масъулият нигаристан, дилгармона аз пайи иҷрои супоришот шудани ҳарбиён чунин ғамхорӣ ва эътибори ҳамешагии давлат такон мебахшад. Дар як қатор ҳудудҳои ҷумҳурӣ «Боғҳои ватанпарварона» ташкил гардидаанд. Чорабиниҳои маънавию маърифатие, ки дар ин гуна истироҳатгоҳҳо гузаронида мешаванд, бинобар тарбияи ҷавонон ва хидматчиёни ҷавони ҳарбӣ дар рӯҳи ҳарбӣ-ватанпарварӣ нақши муҳим мебозанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




# «ВАТАН – АЗИЗ, ҶАСОРАТ – АБАДӢ!»

***Чунин унвон дошт озмуни ҷумҳуриявӣ, ки ба муносибати 33-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи муҳофизони Ватан таҳти ташаббуси Иттиҳоди журналистон дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагон ва ташкилотҳои дигар гузаронида шуд.***

9 январи соли равон дар толори Агентии кор бо ҷавонон бахшида ба ҷамъбасти ин озмун чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

Шоиру нависандагон, кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ, низомиён ва намояндагони ҷамъиятӣ иштирокдорони тадбир буданд.

Чорабиниро иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистон Х.Салимов ифтитоҳ бахшида, дар бораи ҳадафи баргузории озмун ҳарф зад ва таъкид кард, ки дар он журналистон, шоиру нависандагон ва эҷодкорони ҷавон бо асарҳои худ дар мавзӯи Ватан иштирок карданд.

– Боиси эътироф аст, ки дар меҳвари ҳар як матлаб, мақола ва шеъру ҳикояи ба озмун пешниҳодшуда, ғояи «Артиши Ӯзбекистони Нав – такягоҳи мамлакат, ифтихори халқ» қарор дорад, – гуфт Х.Салимов. – Инчунин, сухан дар бораи аҳамияти сулҳу амонӣ дар бунёди Ӯзбекистони Нав, дар ҳаёти мардум мавқеи бештар пайдо кардани тамоюли «Халқ ва артиш – як тану як ҷон!», ҳифзи дахлнопазирии сарҳадҳо, таҳкими истиқлол ва соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, пурзӯр гардидани иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ меравад.

Зикр гашт, ки дар озмун беш аз 50 нафар эҷодкор бо қариб 200 кори эҷодӣ иштирок намуданд. Ҳайати доварон – иборат аз шоиру нависандагон, журналистони собиқадор аз байни корҳои эҷодӣ беҳтаринҳояшро интихоб ва ба ташкилкунандагони озмун пешниҳод карданд.

Дар идома ба ғолибони озмун бинобар самтҳои «Воситаҳои ахбори оммавии чопӣ», «Интернет-журналистика», «Телевизион ва радио», инчунин «Беҳтарин шеър дар васфи Ватан» ва «Беҳтарин ҳикоя дар мавзӯи Ватан» диплом ва туҳфаҳо супорида шуданд.

Дастаи суруд ва рақси Қувваҳои Мусаллаҳ бо таронаҳои худ дар мадҳи Ватан, тараннуми Истиқлол, зебоиҳои табиат, арҷ гузоштани қадри инсон ба чорабинӣ шукӯҳи идона бахшиданд.

**Ф.ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
**Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ (ЎзА).**



*Аскарон ва падар модарони онҳо дар қисмҳои низомии воқеъ дар гарнизони Самарқанд, инчунин сарбозони ҷавони Самарқанд, ки дар шаҳрҳои Нукус ва Андиҷон хидмат мекунанд, тавассути робитаи видеоконфронс бо волидонашон мулоқот карданд.*

*Зимни вохӯрӣ падар ва модарони аскароне, ки бо хулқи намунавӣ ва фаъолияти худ дар қисми ҳарбӣ ба ҳамсафони худ намунаи ибрат мебошанд, аз ҷониби фармондеҳони қисми ҳарбӣ бо сипосномаҳо сарфароз гардиданд.*

***Дар сурат:** лавҳае аз чорабинӣ.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

*Зебунисо* ***ТОҲИРИЁН***

# ВАТАН

*Ватан сар мешавад з-оғӯши модар,*
*Зи ширу аз каломи он фаришта.*
*Ки ӯ дар марзи қалби кӯчаки мо,*
*Нахустин тухми некиро бикишта.*

*Ва ҳам панди падар оғози он аст,*
*Ки моро буд мисли ҳалқа дар гӯш.*
*Равад бисёр чиз аз ёдҳо, лек*
*Куҷо ёди Ватан гардад фаромӯш.*

# БА МАҚСАД РАСИДАМ

Дар ҳама замон ҳифзи Ватан қарзи ҷавонмардию шаҳрвандӣ буд. Ниёгони мо то дараҷае ватандӯсту ватанпарвар буданд, ки кишвари худро чун гавҳараки чашм ҳифз намудаанд.

Бо ҷасуриву қаҳрамонӣ ва қурбониҳои зиёд сарзамини хешро озод ба насли оянда боқӣ гузоштаанд. Гӯё ин фармудаи Фирдавсии бузургвор шиори онҳо буд:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Ҳифзи Ватан, балки беш аз он ҳимоятгари он будан ба касбу вазифаи ватандӯстон мубаддал гашт.

Ҳимояти Ватани азиз ғуруру ифтихор шуд. Ин касбу вазифа имрӯз низ ба ӯҳдаи ҷавонони солиму далер аст. Аз ин боис ҳаваси дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хидмат кардан рӯз аз рӯз меафзояд. Чун анъана волидайн писаронашонро баъди хидматаш дар мактаби олӣ мехононанд, соҳиби касб ё ҳунар мекунанд.

Аксар ҳамсолони банда низ ба хидмати ҳарбӣ рафтаанд. Ман дар донишкада таълим гирифтам, вале хидмати ҳарбӣ аз хаёлам дур намерафт. Ба он майлу хоҳиши зиёд доштам.

Бо дипломи омӯзгорӣ ба шуъбаи таълими халқи ноҳияамон — Чуст рафтам. Он замон, муаллими дорои маълумоти олӣ агар дар деҳа кор кунад, ба хидмати ҳарбӣ ҷалб намегардид. Барои ба хидмати ҳарбӣ ҷалб шудан дар шаҳр кор кардан лозим буд. Мудири таълими халқи ноҳия гуфт:

– Дар ягон мактаби шаҳр барои омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ҷой нест, ба ин сабаб шуморо ба кор қабул карда наметавонам.

Аз ин ҷавоб хеле рӯҳафтода шудам. Мудир каме сукут карду ба мани шикастарӯҳ пешниҳод кард:

– Мудири таълими халқи ноҳияи ҳамсоя ошнои ман. Ба вай занг мезанам, шуморо ба кор ҷо мекунад. Агар «хуб» гӯед, ба шуъбаи маорифи шаҳри худамон равед. Барои шумо ягон кор будагист.

Ба ноҳияи дур рафтанро нахоста, ба шуъбаи таълими халқи шаҳри Чуст рафтам. Баъди муоинаи ҳуҷҷатҳои шахсиам мудири ин шуъба Салима Собирова:

– Хуб, шуморо ба кор мегирам, – гуфт.

Ва илова кард:

– Ба шумо дар худи идора ҳам кор ҳаст.

Аз ин некию илтифоти ӯ болидам. Хаёлан парвоз кардам. Ман бо фармони мудир ҷонишини директори Хонаи эҷодии мактаббачагони шаҳри Чуст таъин шудам.

Як моҳ дар ин ҷо кор кардаму роҳ барои расидан ба мақсад кушода шуд. Банда дар тирамоҳи ҳамон сол ба хидмати ҳарбӣ даъват гардидам. Аввал дар полки таълимии яке аз шаҳрҳои назди Маскав таҳсил гирифта, бо рутбаи сержант чун командири ҷавон дар Ҳавзаи ҳарбии дифоъ аз ҳуҷуми ҳавоии Иттиҳоди Шӯравӣ хидмат кардам. Баъди адои хидмат барои ба умқи асрори техникаи ҳарбӣ расидан таҳсилро идома додам ва онро аз худ намудам. Масъулияти ҳифзи Ватанро бештар ҳис кардам. Бо афсарон, сержантон ва аскарони гуногунмиллат шиносоӣ ва дӯстӣ пайдо кардам. Ба шаҳрҳои Маскав, Ярославл, Смоленск ва Митишии Русия бо сафари хидматӣ рафта, бо ҳаёт, маконҳои таърихӣ ва сазовори диққати он марказҳо шинос шудам. Хидмат ва сафарҳо ба ман таассуроти бемислу хотирмон гузоштанд.

Моҳҳои охири хидматро дар яке аз қисмҳои ҳарбии қарибии шаҳри Нижний Новгород (собиқ Горкий) гузаронидам. Хидмати ҳарбиамон хотима ёфт. Бо фармони вазири мудофиа ба мо, чанд нафар ҳарбиёни дорои маълумоти олӣ унвони ҳарбии лейтенант дода шуд.

Ин воқеаи фаромӯшнопазири аввали солҳои 80-уми садаи гузашта буд. То аввали солҳои 90-ум дар мактаби деҳаамон – Варзик омӯзгорӣ кардам.

Пас аз он ки Ӯзбекистон соҳибистиқлол шуд, чанд нафарро ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ватанамон сафарбар карданд. Ман – лейтенанти калон низ дар байни онҳо будам.

Дар қисмҳои ҳарбии дифоъ аз ҳуҷуми ҳавоӣ хидмат кардам. Ман аз тақдири худ сипосгузорам, зеро муродам ҳосил шуд, чун сарбоз ба Ватан хидмат карда, то ба рутбаи майорӣ расидам.

Алҳол нафақахӯри ҳарбиам. Меҳоҳам, ки дар Ватани азизам, умуман дар олам сулҳу осоиш пойдор монад. Ватанамон осуда ва осмонамон ҳамеша мусаффо бошад. Ба муҳофизони кишварамон пайваста омад ёр бод.

**Шарофхон МИРЗОЕВ,**
**майори бознишаста.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ВОХӮРИИ СЕ АВЛОД

***Алҳол ба муносибати 33-юмин солгарди ташкилёбии Неруҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон моҳонаи ҳарбию ватанпарварӣ таҳти шиори «Неруи Мусаллаҳи Ӯзбекистони Нав – такягоҳи мамлакат, ғуруру ифтихори халқ!» идома дорад. Дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ, ки дар шаҳри Самарқанд ҷойгир аст, вохӯрии се авлод баргузор шуд.***

Дар тадбир аъзои ҷамоатии Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ, вакилони мактаби миёнаи рақами 54-уми шаҳри Самарқанд, литсей-интернати махсуси рақами якум, собиқ сарбозони байналмилал, аҳли фарҳанг ва эҷод ширкат варзиданд.

Раиси шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон Тошпӯлод Тугалов, роҳбари Шӯрои вилоятии маркази ҳарбии Неруҳои Мусаллаҳ, полковник Шодмон Азизов, хидматчии ҳарбӣ, сержант Қаҳрамон Маҳмудов ва дигарон ба минбар баромада, ҳозиронро бо 33-юмин солгарди ташкилёбии Артиши миллӣ самимона табрик гуфта, таъкид намуданд, ки дифоъи Ватан шараф аст.

Вохӯрӣ бо қироати шеъру ғазал ва иҷрои суруду таронаҳои дилнишин ба поён расид.

– Солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 16 уми ноҳияи Самарқанд, – гуфт Шодмон Азизов, – муаллими фанҳои забони модарӣ ва адабиёт шодравон Бердӣ Ҳамроев ба мо, шогирдон, супориш медоданд, ки бештар шеъру сурудҳои ватанпарварӣ аз ёд кунем. Аз он замон байти машҳури Абулқосим Лоҳутӣ дар хотирам ҳаст:

*Бародарон, ба модари Ватан вафо кунем,*
*Агар, ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем.*

Аҷаб тақдире, бо хости худ ва албатта, бо маслиҳати падару модар камина корманди ҳарбӣ шудам. Алҳол баъди ба нафақа баромадан бо корҳои ҷамъиятӣ машғул ҳастам. Писарам аз пайи ман рафта, посбони Ватан гаштааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ДАР ТОҶИКИСТОН ХОНАИ САВДОИ ӮЗБЕКИСТОН КУШОДА ШУД

***Дар пойтахти Тоҷикистон – Душанбе Хонаи савдои Ӯзбекистон барои масолеҳи сохтмонӣ, ки аз ҷониби Иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилиш-материаллари» таъсис ёфтааст, ифтитоҳ гардид.***

Дар маросими кушодашавии Хонаи савдо, ки бо мақсади афзунсозии содироти масолеҳи сохтмонӣ миёни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ва густариши равобити тиҷоратии намояндагони доираҳои савдои ду кишвар боз гардид, раиси раёсати Иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари» Бахтиёр Бобоқулов, дипломатҳо аз сафорати Ӯзбекистон дар Тоҷикистон, соҳибкорони ду кишвар ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок карданд.

Иштирокчиён бо шароите, ки дар майдони савдо фароҳам гардидааст, намоишгоҳи маҳсулот ва нарх, инчунин имкониятҳои содиротии Ӯзбекистон дар соҳаи масолеҳи сохтмон шинос шуданд.

Дар доираи чорабинӣ миёни соҳибкорони ду кишвар вохӯриҳои B2B ташкил гардид.

Бояд гуфт, ки харидорони асосии масолеҳи сохтмонии истеҳсоли Ӯзбекистон кишварҳои ҳамсоя мебошанд. Аз ҷумла, Тоҷикистон яке аз шарикони боэътимод аст. Дар ин ҷо талабот ба маҳсулоти сохтмонӣ таҳти тамғаи «Истеҳсоли Ӯзбекистон» сол то сол меафзояд.

Ҳамин тавр, дар соли 2024 ба Тоҷикистон масолеҳи сохтмонӣ ба маблағи 115 миллион доллари ИМА, аз ҷумла маҳсулоти филизотӣ ба маблағи 34 миллион доллар, омехтаҳои хушк ва маснуоти сементӣ ба маблағи 13 миллион доллар, маснуоти сафолӣ ба маблағи 12 миллион доллар, қубур ва маснуоти пластикӣ ба маблағи 23 миллион доллар, ДСП ва МДФ ба маблағи 11 миллион доллар, шиша ва маснуоти шишагӣ ба маблағи 7 миллион доллар содир гардид.

Айни замон гуфтушунидҳо оид ба афзоиши минбаъдаи интиқоли маҳсулот чун блокҳои газобетон, плиткаҳои гармидиҳанда, сангҳои табиӣ ва деворнигораҳо ба Тоҷикистон идома доранд ва дар соли 2025 ду баробар зиёд кардани содироти масолеҳи сохтмонӣ ба ҳамсоякишвар пешбинӣ шудааст.

– Тоҷикистон дар содироти масолеҳи сохтмонии ватанӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи дуюм қарор дорад, – иброз дошт сардори садорати иттиҳодия Меҳроҷ Ботиров. – Ин беҳуда нест. Чунки ҳоло дар Тоҷикистон сохтмон ба марҳилаи нави рушд баромадааст ва талаб ба масолеҳи бинокорӣ меафзояд. Аз ин рӯ, мо ният дорем, ки ҳамкориҳоро мустаҳкамтар намоем. Дар оянда нақша дорем, ки дар вилояти Суғд ва вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ чунин хонаҳои савдо боз кунем.

Ёдовар мешавем, ки Иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари» аллакай дар пойтахти Озарбойҷон – Боку ва пойтахти Афғонистон – Кобул хонаҳои савдои Ӯзбекистонро кушодааст.

**Хидмати матбуоти Иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари».**

# САМАРАИ КОРИ КОРМАНДОНИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ МЕАФЗОЯД

***Ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон аз беҳтарин амалҳои савоб маҳсуб мешавад. Хусусан, вақте ки орзуву ормонҳои он қишри ҷомеа, ки ба кумакҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ ниёзи бештар дорад, бароварда шавад, боиси ризоияту қаноматмандиҳо мегардад.***

***Президент Шавкат Мирзиёев маҳз бо судури фармон ва қарор «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ оид ба расонидани хидмати сифатноки иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ ва ташкили низоми самараноки назорат» аз 1 июни соли 2023 ва «Дар бораи тадобири минбаъд такмил додани низоми хидматрасонии иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ», аз 28 сентябри соли 2023, расонидани кумакҳои иҷтимоӣ ба мардуми ниёзманд ва қобили ҳифзи иҷтимоиро дар радифи аввал қарор додааст.***

Дарҳақиқат, имрӯзҳо мардуми зиёд аз чунин кумакҳои иҷтимоӣ бархурдор мешаванд, ки ниҳоди хоси давлатӣ – Агентии миллӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии назди Президент ва идораҳои вилоятиву минтақавии он анҷом медиҳанд. Ҳар як ниҳод расонидани чунин кумакро беш аз пеш вусъат бахшидааст ва теъдоди зиёди шаҳрвандонро зери ҳимояи иҷтимоӣ қарор додааст.

Дар вилояти Фарғона бо мақсади дар сатҳи маҳалла ташкил намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, расонидани хидматҳои иҷтимоӣ, пешгирии афтодани аҳолӣ ба ҳолати вазнини иҷтимоӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини он дар байни аҳолӣ корҳои зиёд ба фарҷом мерасанд.

– Дар 19 шаҳру ноҳияи вилоят хидматрасонии иҷтимоӣ ва кумак аз ҷониби кормандони марказҳои хидматрасонии иҷтимоии «Инсон»-и агентӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки дар арафаи бузургтарин ва азизтарин ҷашн – 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ бинои идораи бахши вилоятии агентӣ ба истифода дода шуд. Ин имконият барои боз беҳтар кор кардани ходимонамон мусоидат намуд. Онҳо сифати хидматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ҷорӣ намудани низоми комилан нави идоракунӣ дар асоси стандартҳои пешрафтаро хеле баланд мебардоранд, – мегӯяд иҷрокунандаи вазифаи сардори идораи вилоятии агентӣ Абдуназар Салимов.

Фармони Сарвари давлат ҷиҳати боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, васеъ намудани ҳаҷму намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ басо мусоидат менамояд. Дар ибтидо аз ҷониби агентӣ ва идораҳои минтақавии он 49 намуди хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва кумак расонида шуда бошад, ҳоло шумораи он аз сад гузаштааст.

– Ба истифода супурдани биноҳои маркази хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» дар ноҳияҳои Ӯзбекистон, Бағдод, Риштон, Қӯштеппа ва шаҳри Марғелон низ кори ходимони моро осон намуд. Онҳо барои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва васеъ намудани ҳаҷму намудҳои хидматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон бо ҷидду ҷаҳд фаъолият мекунанд, – мегӯяд Салимов.

Яке аз чорабиниҳои доманфарох дар Рӯзи байналмилалии маълӯлон роҳандозӣ гардид.

Дар чорабинии шаҳри Фарғона зиёда аз 320 нафар аъзои ҷамъиятҳои маъюбон, карҳо, нобиноён, иттиҳодияҳои ҷанговарони байналмилалӣ ва чернобилчиён даъват карда шудаанд. Дар рафти чорабинӣ ба иштирокчиён туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шудааст. Пеш аз ин чорабинӣ ярмаркаи маҳсулоти истеҳсолкардаи ҳунармандон ва ҷавонони боистеъдод баргузор гардид.

Дар ярмаркаи савдои ғайрианъанавӣ 43 нафар ҳунармандони маълӯл бо зиёда аз 200 номгӯй маҳсулоти дастӣ иштирок намуданд. Маҳсулот ва корҳои эҷодии ҳунармандоне, ки дар ин чорабинӣ ширкат доштаанд, аз рӯйи номинатсияҳои гуногун баҳогузорӣ шуда, ғолибону иштирокчиён бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд. Ташкили барномаҳои идона барои маълӯлони зиёд хушҳоливу хурсандиҳо бахшидааст.

Маълум шуд, ки ҳадафи асосӣ ҳимояи ҳуқуқи маълӯлон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ба мушкилоти онҳо мебошад. Муҳимтар аз ҳама барои омӯзиш ва ҳалли мушкилоти маълӯлон аз ҷониби тамоми зинаҳои роҳбарону сардорони сохторҳои давлатӣ низоми доимии алоқа таъсис дода шудааст.

– Ин рӯз як фурсати муҳим барои таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба зиндагӣ, мушкилот ва имконоти маълӯлон, аз нав дида баромадани муносибати иҷтимоӣ ба онҳост. Ҳоло дар кишвари соҳибистиқлоли мо ҳимояи ҳуқуқи маълӯлон ва ҷалбу ҷазби онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ аз авлавияти вазифаҳои мо қарор гирифтааст. Зеро ҳар яки мо барои бунёди ҷомеаи фарогир масъулем, – қайд намуд Салимов.

Аз 1 январи соли 2024 кормандони идораи вилоятии агентӣ пардохтҳои зерини иҷтимоӣ, мисли кумакпулиҳо барои синну сол, барои саробон; барои намояндаи қонунӣ, ки кӯдакони маъюби то 18-соларо нигоҳубин мекунанд, барои маъюбони аз кӯдакӣ (гурӯҳҳои 1 ва 2, аз 18-сола боло), барои маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, барои оилаҳои камбизоат, пардохти кумаки молии якдафъаина ҳангоми таваллуди кӯдак, барои дафн («ҷанозапулӣ»)-ро анҷом додаанд.

Азбаски технологияҳои муосир барои осонтар кардани ҳаёти инсон хидмат мекунанд, идораи вилоятии агентӣ системаи нақлиётро низ аз ин раванд истисно намедонад. Таъсиси системаи қулай ва бехатари нақлиёт, бахусус барои шаҳрвандони эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, аз ҷумла маъюбон, пиронсолон ва онҳое, ки мушкилоти ҳаракат доранд, яке аз масъалаҳои мубрами имрӯз мебошад. Дар ин росто, дар ҳамкорӣ бо ширкати Yandex Go лоиҳаи «Таксии иҷтимоӣ» қадами муҳим дар ин замина буда, ба ҳаёти ҷомеа тағйироти мусбат хоҳад овард. Нархи он арзон ва қобили пардохти чунин қишри ҷомеа мебошад.

Тавре маълум аст, 27 феврали соли равон Қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба такмил додани низоми таъминоти шахсони ниёзманд бо асбобҳои протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ» тасдиқ карда шуд. Бо ҷорӣ намудани системаи нави рақамӣ раванди таъмини ниёзмандон бо асбобҳои зарурӣ хеле соддатар шуд. Ҳоло зарурат пеш омадааст, ки тавассути системаи иттилоотӣ дар як вақт маъюбон бо моводи лозимӣ таъмин карда шаванд. Шаҳрвандон барои харидани асбобҳои зарурӣ аз ваучери онлайн истифода хоҳанд бурд ва барояшон тавассути паёмак ва кормандони иҷтимоӣ хабар дода мешавад. Муҳлати таъмини протезҳо аз 67 рӯз ба 17 рӯз ва таҷҳизоти барқарорсозӣ аз 52 рӯз ба 11 рӯз кам карда шуд.

Мувофиқи қарори Президент аз 8 ноябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои иловагии такмил додани системаи инкишофи ҷисмонии маълӯлон аз рӯйи ҷалби онҳо ба варзиш» барои дастгирии маъюбон «Хидматрасонии ҳамроҳӣ» тавассути ихтиёриён роҳандозӣ мешавад. Дар ин росто агентӣ барои кумак ба шахсони маъюб, ки аз бемориҳои чашм ва узвҳои ҳаракати ҷисмонӣ азият мекашанд, барои рафтан ба иншооти варзишӣ чунин хидмати ҳамроҳӣ ташкил мекунад.

Ин хидмат тавассути созмонҳои ғайридавлатӣ ва ихтиёриён дар асоси фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Дар назди марказҳои «Инсон» дар минтақаҳо гурӯҳҳои ихтиёриён ташкил карда шудааст. Аввалан, ин хидмат тадриҷан танҳо дар минтақаҳое ҷорӣ карда мешавад, ки аҳолии зиёд доранд.

Овардани як мисол кифоят мекунад, ки фаъолияти ин ниҳод то чӣ андоза мувофиқи мақсад мебошад.

Раъно Ҷӯраева аз ҷамоати шаҳрвандони Наймани ноҳияи Қува ба унвони мақомоти идораи мазкур бо як паёми видеоӣ муроиҷат кардааст ва барои табобат кумаки молӣ хостааст. Дар асоси ин муроҷиат ба Ҷӯраева барои табобаташ аз хазинаи «Саховат ва дастгирӣ» 1 миллион сӯм ҷудо карда шудааст. Даҳҳо чунин мисолҳоро овардан мумкин аст, ки бо иқдоми бахши вилоятии агентӣ одамони зиёд аз кумакҳои иҷтимоӣ баҳраманд гардидаанд.

Ташкили маҳфилу чорабиниҳои гуногун барои фарзандони шахсони камбизоат ва ниёзманд, зиёфатҳои идона ва амсоли он низ дар доираи фаъолиятҳои бахши вилоятии агентӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Ёди некон*

# ГАР НАБОШӢ, ХОНА ДОРАД БӮЙИ ҒАМ...

Вақте хабари аз олам гузаштани муаллим – Мавлуда Боймуродоваро шунидам, беихтиёр роҳи зиндагии ин зани боирода пеши назар омад...

Агар хато накунам, яке аз рӯзҳои соли 1980 буд. Муҳассилини ДДОС будам. Рӯзе апаи Мавлуда ҳамроҳи апаи Қумринисо Мансурова, ки дар Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд мехонд, ба хобгоҳ омаданд. Аз посбон рухсат пурсида ҳар дуро ба дарун таклиф кардам ва ҳамон шаб онҳо дар хобгоҳ меҳмони ман буданд.



– Донишгоҳро хатм намуда, аз Душанбе бармегардам, – гуфт бо хушҳолӣ апаи Мавлуда. – Дер боз мехостам аз шаҳри қадима ва зебои Самарқанд дидан кунам. Мана орзуям ҷомаи амал пӯшид.

Рӯзи дигар ба тамошои шаҳр баромадем. Зиёратгоҳҳо ва дигар ҷойҳои дидании Самарқандро давр задем. Дар тан куртаю пойҷомаи атлас , бар сар рӯймоли гулдор дошт. Ба мӯйҳои сиёҳи дарозаш, ки дуто бофта буд, ҳавас карда будам. Суҳбати самимӣ дошт муаллим...

Мавлуда 4 январи соли 1958 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи зиёӣ дида ба дунё кушодааст. Баъди хатми мактаби зодгоҳ ба факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии педагогии Душанбе дохил шуд. Падари омӯзгораш Боймурод Йӯлдошев ва модари китобдӯсту фарҳангдӯсташ аммаи Муаззам ба духтари ташнаи илмашон, ки роҳи дури Душанберо ихтиёр карда буд, монеа нашуданд, ӯро дастгирӣ карданд.

– Бародараш Аслимурод ҳам донишҷӯ. Дар як вақт ҳар дуро чӣ хел мехононем? Бо як маоши омӯзгорӣ магар азият намекашед, мардак? Бар замми ин, роҳи дур, духтарбача.., – гуфт аммаи Муаззам бо дилсӯзӣ.

– Худо худаш мададгор, ба мушкилиҳо тоб оварда хонанд, рӯзе роҳаташро мебинанд, – гуфт бо қатъият муаллими Боймурод.

Орзуву ниятҳои падару модар ҷомаи амал пӯшиданд. Оилаи онҳоро сулолаи омӯзгорон гӯем, хато намекунем. Аслимурод, Мавлуда, Мавҷуда касби падарро интихоб намуда, сарбаландона идома доданд.

Мавлуда Боймуродова то синни нафақа дар мактаби рақами 43-юми деҳа ба шогирдон аз фанни забон ва адабиёти рус дарс дод. Он рӯзгор дар мактаб мутахассиси забони русӣ камӣ мекард. Мавлуда муаллимзани нахустини забони русӣ буд. Сахтгир буд ӯ. Ба осонӣ баҳои хуб намегузошт, аз хонанда дониши пухта талаб мекард.

Мавлуда бо шифокори деҳа Тоҷимурод оила барпо намуданд. Соҳиби шаш фарзанд шуданд. Онҳоро дар шароити деҳа чун инсонҳои меҳнаткаш, китобхон ва бомеҳру баоқибат ба воя расонданд. Апаи Мавлуда баробари корҳои рӯзгор, парвариши гову гӯсола, бузу бузғола, нонпазию хӯрокпазӣ ва тарбияи фарзандон, шабҳо ба дарс омодагӣ мегирифт, китоб варақ мезад, субҳи содиқ ба мактаб мешитофт...

Оре, модар ягона мавҷудотест, ки инсонро меофарад ва ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад. Аввалин суханҳо ва гузоштани нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, бо ҳазор нияту орзуҳои нек ба воя мерасонад.

Воқеан, мо дар зиндагӣ ҳеч гоҳ наметавонем муҳаббатеро беҳтар ва ҳақиқиву самимитар аз муҳаббати модари худ дарёбем. Аз ин рӯ, модар на танҳо азизтарин шахс барои ҳар як фарзанд аст, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар як халқу миллат мебошад.

Бузургони адабу фарҳанг гуфтаанд, ки «Як модари хуб ба ҷойи сад устоду омӯзгор аст». Зане, ки соҳибмаърифату соҳибҳунар аст, дар пешбурди ҷомеа низ саҳм мегузорад.

Мавлуда Боймуродова чун модар, муаллим ва бонуи фаъоли гузар ба занону духтарон, модарони ояндa маслиҳатҳои муфид медод, дар камхарҷ гузарондани тӯю маъракаҳои деҳа саҳмгузор буд.

Ин зани серғайрату меҳнаткаш, оилапарвар, муаллими садҳо шогирдон, дар айни гашти пирӣ, дар даме, ки мебоист роҳати меҳнатҳои худро бубинад ва дар иҳотаи фарзандон хубу бофароғат умр гузаронад, ба дард гирифтор шуд. Ин дард боис шуду кӯҳу дара, боғу чорбоғ, кӯчаҳои деҳаи азизашро тарк кард.

Баъди чанд рӯзи марги модар бузургдухтари ӯ Маҳина дар ҷустуҷӯйи чизе вақте сандуқи модарашро кушод, чашмаш ба куртаи гулдори ӯ афтид. Чашмонаш ба сӯзиш даромаданд, гиря гулӯгираш кард. Оҳиста нишаст, куртаи гулдори очаашро рӯйи даст гирифт, бӯй кашид... Оҳ, бӯйи модар, бӯе, ки дигар як умр онро намеёбад...

– Модарам ба мо – духтарон гӯшрас мекарданд, ки вақтро беҳуда нагузаронем. Ҳангоми гаҳвора ҷунбондан ҳам китоб хонем, ки хеле муфид аст. Ҳар як сухани падару модар ба мо раҳнамо буд. Ҳаракат мекардем, ки ба бовариашон сазовор шавем, ягон суханашонро ба замин намегузоштем ва бар ивази ин, акнун фикр кунам, ҳар як ҳарфи онҳо сабақи зиндагӣ будааст, – мегӯяд Маҳина.

Аҷал гулчин аст, беҳтарину хубтаринҳоро мебарад. Ва Мавлуда аз ҷумлаи ҳамин хубтарину беҳтарину меҳнаткаринҳо буд. Ӯ дар дили фарзандон, 19 нафар набераaш ширину дилсӯз ва пайвандон ҳамеша зиндааст:

*Ту рафтӣ, тарк кардӣ модар*
*ин дунёи фониро,*
*Бароям тира кардӣ зиндагиву*
*зиндагониро.*
*Ҳамеша шодмон будам,*
*ки чун ту модаре дорам,*
*Куҷо дигар тавонам дид*
*рӯйи шодмониро.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ДИЛРО БА ДИЛ РАҲЕСТ...

Замоне панҷ соли расо дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе, дар риштаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатӣ таҳсил кардаам. Шояд ин боиси сар задани эҳсосоти гуворoям нисбати ин кишвар бошад.

Дарвозаҳо боз шуданд. Равуои мардум барқарор гардид. Ҳазорҳо одамон бо хешу табор, наздикону пайвандони худ дидор диданд. Ташнагии пазмонӣ шикаст. Аз меҳри якдигар сер шуданд.

Моҳи августи соли 2018 дар Кохи анҷуманҳои Тошканд сарварони Ӯзбекистону Тоҷикистон вохӯрданд. Ба ин муносибат Шоми дӯстӣ баргузор гардид. Ман он ҷо як нафар аз ҳамкурсонамро, ки ҳамроҳи ҳайати ҳукуматӣ ташриф оварда буд, вохӯрдам. Баъди беш аз бист соли хатми донишгоҳ ба дидори ҳам расида, мулоқот кардем.

Баъди чанд соли ин вохӯрӣ боре ҳамкурси дигарам Муҳаммадсодиқ (Худо раҳмат кунад!) занг заду дар арафаи иди Наврӯз ба дидорбинӣ даъват намуд. Ба Душанбе – ин шаҳри ҷавонӣ дар бадали чандин соли охир бори аваал рафтам. Шаҳр тағйир ёфта, хеле зебо шуда буд.

Ҳангоми вохӯрӣ солҳои таҳсил дар донишгоҳ, ёру дӯстонро ёд кардем. Дар ҳаққи устодон ҳарф задем.

Тирамоҳи соли 2022 ҳамроҳи як гурӯҳ дӯстон барои иштирок дар маросими тақдимоти китоби «Меҳрнома» (баёзи эҷодкорони Ҷиззаху Суғд) ба шаҳри Хуҷанд рафтем. Ин китоб аз ҷониби нашриёти «Маҳорат» таҳти таҳрири Асадулло Исмоилзода ба нашр расида буд. Дар он маҳсули қаламии эҷодкорони Ҷиззах ва вилояти Суғди Тоҷикистон ҷой дорад. Дар тарабхонаи «Боғи Ирам» сари як пиёла чой маҳфили фарҳангӣ, мушоираи зебо ба вуқӯъ пайваст.

Андак баъдтар бо даъвати банда чаҳор тан аз ҳамкурсонам ба Ӯзбекистон омаданд. Муҳаммадсодиқи раҳматӣ, Бобохон, Бибимоҳу Матлуба аввал озими шаҳри бостонии Самарқанд шуданд. Ёдгориҳои таърихӣ, мақбараву мадрасаҳои Самарқанд ба онҳо таассуроти аҷиб бахшид. Сипас ба вилояти Ҷиззах омаданд. Онҳо дар маскани истироҳативу табобатии ноҳияи Фориш ду-се рӯз монданд. Пасон, тавассути Тошканд ба Ватан баргаштанд.

Матлуба Муҳаммадзода, ки дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» кор мекунад, баъди рафтан бо номи «Сайру сафар» барномаи ҷолибе омода намуда, ба намоиш гузошт.

Бибимоҳ бошад, баҳори соли 2023 хоҳаркалонаш Саъбагул ва шавҳари ӯ – язнаашро аз Самарқанд ба хориҷ фиристод.

Ҳамкориҳо миёни ду ҷумҳурӣ дар ҳама ҷабҳаҳо ба мушоҳида мерасанд. Бигузор, ин ҳамкориҳо беш аз пеш таҳким ва густариш ёбанд, риштаҳои дӯстӣ ва бародарии ин ду халқ ҳамеша мустаҳкам бошад!

**Анорбой НАЗАРОВ,**
*вилояти Ҷиззах.*



*Ҳусан Нормуродов – сокини ноҳияи Олоти вилояти Бухоро аз имтиёзҳои барои соҳибкорон муҳайёшуда самаранок истифода бурда, фаъолияти сехи қаннодиро ба роҳ мондааст.*

*Имрӯз бо ташаббуси оилаи ҷавон дар сех, ки дар маҳаллаи «Эски Олот»-и ноҳияи дурдаст воқеъ аст, даҳ намуди маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол мегардад. Дар ин манзил ба ҳисоби миёна дар як рӯз зиёда аз 20 намуди торти болаззатро тайёр карда, ба харидорони олотӣ ва қарокӯлӣ мерасонанд. Боиси хурсандист, ки дар ин ҷо 5 нафар занону духтарони соҳибтаҷриба бо кор таъмин шудаанд.*

# ШИФОХОНАИ ХУСУСӢ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

***Дар шаҳри Намангон боз як шифохонаи замонавӣ ба истифода супурда шуд. Дар мамлакатамон барои мустаҳкамсозии базаи моддиву техникии соҳаи тиббиёт эътибори дучанд дода мешавад.***

Хусусан, дар вилояти Намангон дар ин бобат корҳои амалӣ ба пеш меравад.

Дар маҳаллаи Илғори шаҳри Намангон клиникаи «Medikal Plaza«, ки барои мустаҳкамсозии солимии занону духтарон ихтисосонида шудааст, барпо карда шуд. Хонаҳои маскани тиббӣ бо ашёҳои зарурӣ ва анҷомҳои замонавӣ таҷҳизонида, ҳамаи имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ин ҷо асосан бемориҳои акушер-гинекологиро 4 нафар мутахассиси таҷрибанок муолиҷа мекунанд. Мутахассисони тиббӣ бо кумаки воситаҳои лаборатория, физиотерапия, УЗИ ва ЭКГ ба беморон хидмат мекунанд. Маскани таббӣ дар як вақт имконияти ба 50 нафар бемор хидмати тиббӣ расониданро дорад.

Дар натиҷаи ташкилшавии ин маскан 30 нафар мутахассиси тиббӣ ва техникӣ бо кор таъмин шуданд.

– Дар ҳудуди маҳалла ташкил шудани маскани тиббӣ барои мо – занону духтарон имконияти васеъ пайдо кард. Ба хонаамон наздик, якчанд км. роҳ тай карда, ба маркази шаҳр рафтан душвориҳо меовард. Боз хурсандиовар аст, ки ин бинои баланду хушрӯ ба маҳаллаамон файзу тароват бахшид, – мегӯяд яке аз сокинони ин маҳалла Дилафрӯз.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Минбари донишҷӯй*

# ҲАМЕША БО КИТОБ БОШЕМ!

***Чи хеле ки медонем, сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ донишро ягона мояи ганҷ ва чароғи равшани умр донистааст ва дар ин бора чунин фармудааст:***

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бохирад андар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон,*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд...*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Халқи мо аз азал ба донишомӯзиву китобхонӣ эҳтирому шавқу ҳаваси зиёд дорад. Онҳо китобро сарчашмаи дарёи ақл ва махзани фарҳанги миллӣ меҳисобиданд. Ба ҳамин хотир, Абдураҳмони Ҷомии бузург эътироф намудааст, ки китоб «фурӯғи субҳи доноӣ» аст.

Китоб манбаи дониш аст, ки ба инсон илм, ҳунар, таълиму тарбия, ҳаёту зиндагӣ, кору фаъолиятро меомӯзад. Китоб дӯст, ҳамроҳ, ҳамсуҳбат, ҳамсафари инсон мебошад, ки ӯро аз роҳи бад, ғаму андӯҳ, бекориву беҳудагӯӣ дур месозад.

Таърихи пайдоиши китоб ба пайдоиши хат, фарҳангу маърифат вобаста аст. Мо аз таърих медонем, ки одамони қадим ба рӯйи санг, чӯб, устухон ва пӯсти ҳайвонҳо низ менавиштанд. Пас аз ихтироъ гардидани коғаз бошад, ҳамчун як навъи нигаҳдории маълумот китобдорӣ ба вуҷуд омад. Аввалин дастнависҳо бошад, дар таърихи ҳазорсолаи то милод дар Мисри Қадим пайдо шудаанд.

Ҳоло дар мамлакатамон бо ташаббуси роҳбари давлат барои ҷалб намудани ҷавонон ба китобхонӣ озмунҳо оиди китобхонии ҷавонон ва оилавӣ баргузор мегарданд. Азбаски чунин озмунҳо тарғибгари мутолиа ва маърифат аст, албатта, ба беҳбуди таълиму тарбияи насли наврас, азхуд намудани муносибатҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз дар байни онҳо вайроншавии чунин муносибат бештар ба назар мерасанд, мусоидат менамоянд.

Волидон мехоҳанд, ки фарзанди онҳо дар оянда қуллаҳои баланди донишро забт намоянд. Албатта, танҳо хоҳиш касро ба мақсад намерасонад, барои ин пеш аз ҳама, ба қадри ҳар як дақиқаи умр расидан лозим аст, инсон дарк намояд, ки лаҳзаҳои гузашта ҳеч гоҳ баргашта намеояд. Волидон бояд ба фарзандон ба хондани китоб майл пайдо кунанд. Дар зодрӯз ва ё дигар рӯзҳои хурсандӣ китоб туҳфа кунанд, то фарзандон донанд, ки аз китоб пурбаҳотар туҳфа нест.

Китоб натанҳо пасту баландии ҳаётро меомӯзонад, балки дар натиҷаи сермутолиа будан нутқи хонанда равон, доираи тафаккури ӯ васеъ мегардад. Шахси беилму дониш натанҳо барои ҷамъият, ҳатто барои худ ё оилаи худ фоида оварда метавонад. Баръакс, бо феъли бад ва рафтори нодурусти худ ба атрофиён зарар мерасонад.

Шахси китобхон бо ҷаҳонбинии васеъ, тарзи тафаккур ва маданияти муомилаи худ аз атрофиён фарқ мекунад. Ҳоло чашмамон ба ҳамсолонамон меафтад, ки ҳемеша саргарми телефонанду бо бозиҳои дилхушкунанда вақт мегузаронанд, чунин рафтори номақбули онҳо ба худдориву фикрронии онҳо низ таъсири бад мерасонад.

Муҳаддиси бузург Ал-Бухорӣ даврони бачагӣ беш аз 6000 ҳадисро азбар намуда буд, ки он замон на мисли ҳозира хонаҳои равшану васеъ вуҷуд дошту на китобхона. Мисли ҳамин Ибни Синову Берунӣ, Ал-Хоразмиву Имом Тирмизӣ барин гузаштагони мо ба донишомӯзӣ чунон дилбаста будаанд, ки ҳатто дар равшании шамъу чароғ низ мутолиа мекардаанд ва дар роҳи мақсад чунон саъю ҳаракат кардаанд, ки дар тӯли садсолаҳо инсоният баҳра мегирад.

Дарҳақиқат, китоб дӯсти меҳрубон мебошад. Агар модар ба мо тарбия диҳад, китоб дониш меомӯзад. Аз ин лиҳоз, китобро чун хазинаи беназир қадр намоем. Лаҳзаҳои умрро, ки аз дурру гавҳари бебаҳо низ қиматтар аст, беҳуда сарф накарда, бо китобхонӣ машғул шавему ба пешрафти ҷамъият ҳиссаи муносиб гузорем.

**Зулола НЕКМУРОДОВА,**
**донишҷӯйи соли 3-юми ДДБ.**

# АГАР МОДАР КИТОБХОН БОШАД...

Дирӯз келини ҳамсоя назди ҳамсарам омад.

– Эъ, ин бачаҳои ҳозира дарс тайёр кардан намехоҳанд, – гӯён аз салом пештар лаб ба шикоят кушод вай.

– Аз китоб хон, вазифаи хонагиатро иҷро кун, беҳуда надав, – гуфтан хаста шудам. Калониаш – масъала душвор ҳал карда наметавонам, мегӯяд, дуюмаш хӯроккӯриро баҳона кард. Хурдӣ об нӯшиву ҳоҷатравиаш гирифт. Эъ, нест шавед, хонед барои худатон, ба ман чӣ, гуфтаму баромада пеши шумо омадам.

– Набераҳои ман ҳам ғарқи бозӣ. То бобошон маҷбур накунанд, дарстайёркунӣ ба хотирашон намеояд, – ҷавоб гуфт бибӣ.

– Албатта! – сил мешавед-дия, келинмулло, – гуфтам ман аз дуртар. Вақте бача берун аз синф ба забони модарӣ ҳарф мезанаду ҳангоми дарс ба дигар забон таълим мегирад, қабулу омӯзиши фан душвор мешавад-дия.

То кӯдакро аз хоб хезонда ба мактаб нафиристед, бо ихтиёри худ намеравад. Барои ба дарсхонӣ рафтанашон онҳоро аз ҷогаҳ маҷбур хезондан даркор. Аз бисёр писару духтарон мепурсам, ки дар оянда кӣ шудан мехоҳанду дар кадом соҳа хонданро давом медиҳанд? Аз шарм лоларанг мегарданд ё маҳмадоноӣ карда, – «хондан чӣ даркор?» – гуфта ҷавоб мегардонанд. Кас ҳайрон мешавад, ки чаро шавқи илмомӯзӣ дар ҷавонон гум шудааст. Аксар падару модарон дар фикри ба кӣ шавҳар додан ё киро арӯс кардан, интихоби қудои сарватманд ҳастанд. Дар чунин оилаҳо мавзӯи суҳбат ҳам дар ҳамин хусус аст. Писаре, ки касбу ҳунар надорад, оилаи худро чӣ тавр таъмин мекунад? Духтаре, ки дониши кофӣ надорад, ба рӯзгордорӣ тайёр нест, пухтани таом, шустушӯй, рӯбучинро аз куҷо донад?

– Зудтар бо номи нек ба соҳибаш супорем, – гӯён ӯро ба шавҳар медиҳанд. Арӯс дар муҳити нав, дар оилаи бегона ҷисмонан, рӯҳан азоб мекашад. Дере нагузашта мебинед, ки ду-се кӯдакдор шудааст. Дар замоне, ки тарбияи кӯдак торафт мураккаб мегардад, модари камсавод ба фарзандаш чӣ хел дониш дода метавонад? Агар модар саводнок, хушахлоқу аз маърифат бохабар бошад, фарзандонро таълиму тарбияи хуб медиҳад.

Агар як тарафи ин масъала ба телевизор, компутер ва телефон руҷӯъ кардани кӯдакон бошад, тарафи дигари он ба муҳити оила вобаста аст. Калонсолони хонавода хушмуомила, баодоб, китобхон бошанд, кӯдак ҳам аз онҳо ибрат мегирад. Агар акси он бошад-чӣ?

Ҳамаи мо мехоҳем, ки фарзандонамон соҳибилм бошанд. Аммо баъзан ҷавонмодаронро мебинем, ки бепарвоянд, ё бо сиёсат, дӯғу пӯписаву дашном дарс омӯзониданӣ мешаванд.

– Хез, сумкаатро биёр, дарсатро тайёр кун! – гуфта худ саргарми суҳбат, ё ғарқи тамошои телефон бошем, кӯдак ҳам номаълум аз паҳлӯямон ҷой мегирад. Хеле мехостам, ки сарварони оила дар китобхонӣ намуна бошанд. Кам бошад ҳам, вақт ҷудо карда пеши чашми аҳли оила китоб мутолиа кунанд. Инчунин шавқу ҳаваси зану фарзандонро иҷборан ё бо ягон роҳи рағбатноккунӣ нисбат ба китоб бедор намоянд. Бонувон бояд китобхону адабиётдӯст ва худогоҳ бошанд, зеро модар боғбону фарзанд ниҳол аст:

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

– гуфтаанд бузургон.

Бисёр вақт рафтори кӯдаконро мушоҳида менамоям. Яке корро хурсанд, бо табъи дил, дигаре бо дили нохоҳам иҷро мекунад, сеюмӣ ба модараш шарт мегузорад, ки барои дарскунӣ тухфае диҳад. Кӯдак аз хурдсолӣ тарзи сухангорониву ҳаракати калонсолонро назорат карда, ба онҳо пайравӣ мекунад, тақлид менамояд. Аз ин рӯ, падару модарон бояд ба фарзандонашон бештар эътибор диҳанд.

Китоб аз ҷумлаи ихтироъҳои бузург дар таърихи инсоният аст, ки зиндагии ӯро ба куллӣ тағйир дод. Китоб дӯстест, ки камбудӣ ва норасоии касро беминнат ва беғараз ислоҳ мекунад. Шахсе, ки ҳар рӯз мутолиа мекунад, аз он панд мегирад, ҷаҳонбиниаш васеъ мешавад, нутқаш равон гардида, ба дунё ва гирду атрофаш бо назари нек менигарад. Дӯстро аз душман фарқ карда метавонад, муҳимаш, худшинос мешавад. Ва боз чуноне, ки дар ҳадис омадааст: «Илм авлотар аз ибодат аст».

**Комилҷон ҶӮРАЗОДА.**

*САМАРҚАНД.*



# БИБИИ КИТОБДӮСТИ 93-СОЛА

***Сокини 93-солаи деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Тӯхтанисо Қурбонова бо номи «бибии китобхон» маъруф аст. Ӯ ҳанӯз бе айнак китоб мехонад.***

– Китоб нури чашм, чароғи дил аст, – мегӯяд пиразан.

Агар ба деҳаи Ҳушёр, ки ин бибии китобхон умр ба сар мебаранд, равед, одамеро нахоҳед ёфт, ки шеър надонад, ба адабиёт муҳаббат надошта бошад ё баибораи дигар, китобхон набошад.

– Китоб фоидаи зиёд дорад. Чӣ қадар бештар хонед, ҳамон қадар бештару беҳтар медонед. Ҷаҳонбиниятон васеъ мешавад. Беш аз 50 нафар набера ва чабера дорам. Онҳо ҳам хуб медонанд, ки барои ман беҳтарин ҳадя китоб аст. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ, ки барои хабаргирӣ меоянд, албатта китоб меоранд, – мегӯяд Тӯхтанисомомо.

Айёми бачагии хола ба солҳои ҷанг рост омадааст.

– Панҷ узви хонадони мо – падар ва бародаронам ба ҷанг рафта, барнагаштанд. Солиёни зиёд мо бо чашми умед бозгаштани онҳоро интизор шудем. Вале, вале.., – гуфт Тӯхтанисомомо ва дигар сухане гуфта натавонист.

Хонадони момо ҳамеша пур аз меҳмон аст. Аҳли маҳалла барои дуои ӯро гирифтан ё аз суханҳои ибратбахши бибии китобхон баҳраманд гардидан, яке бо гулдаставу дигаре дар даст китоб меоянд.

**Ҷаҳонгир СОБИРОВ,**
**журналист.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*




# БОНУЕ, КИ ҲАЁТАШРО БА ИЛМ БАХШИДААСТ



Шахсро барои шинохтану хислатҳояшро хубтар дарк намудан бо ӯ бояд аз наздик ошно шуд. Бо апаи Инобат ҳангоми сафар ба вилояти Фарғона шинос шудам. Аз суҳбаташ дарк кардам, ки ин бонуи хоксор ва нармгуфтор дар кӯраи зиндагӣ пухта, дар гармию сардии он обутоб ёфтааст. Ӯ ниҳоят камгап, хоксор ва самимӣ буд. Дар атрофамон чунин инсонҳое ҳастанд, ки мо на ҳамеша бузургӣ, зебоӣ ва некбиниашонро ҳис мекунем. Онҳо бо меҳнати ҳалол ва хислатҳои инсонпарварии худ ба қалби атрофиён рӯшанӣ меандозанд. Бонуи хушсалиқа, муаллимаи меҳрубон, олимаи соҳибэҳтиром аз зумраи чунин инсонҳои меҳнаткаш ва зебоипараст мебошад.

Инсоне, ки инсонро тарбия мекунад, насли наврасро аз овони кӯдакӣ таълиму тарбия менамояд, ба онҳо росткорӣ, илму адаб, поксириштиву ҳаётдӯстӣ, худшиносии миллӣ, эҳтироми падару модар ва дигар сифатҳои волои инсониро меомӯзонад, Муаллим аст.

Инобат Ширинова дар ноҳияи Сирдарёи вилояти Сирдарё дар оилаи деҳқони одӣ дида ба дунё кушодааст. Волидайни ӯ чунин мешумориданд, ки тарбияи асосӣ барои фарзанд он аст, ки онҳоро дар руҳияти меҳнатдӯстӣ ва азхуд кардани илму маърифат ба воя расонанд. Маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 15-уми ба номи Охунбобоеви зодгоҳаш гирифт. Устоди нахустини худ Нарзулло Шарифовро ҳамеша ба некӣ ёд мекунад. Ӯ бо хулқи намунавӣ ва дониши аъло дар мактаб ангуштнамо буд. Соатҳо дар китобхонаи мактаб менишаст, бахусус китобҳои биология ва химияро бошавқ варақ мезад, асрори олами ҳайвонотро ҳарчӣ зудтар омӯхтан мехост.

Соли 1974 баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба факултети химия-биологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ супорид ва худи ҳамон сол донишҷӯ гардид. Падари бузургвораш Анвар Ширинов иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон буд, машаққатҳои ҳаёт, пасту баландии зиндагиро чашида буд. Модари меҳрубонаш – холаи Бозоргул хоксор, сода, саранҷому сариштакор, пазандаю дӯзанда буд. Онҳо баҳри илмомӯзии духтарашон ҳаракат мекарданд, ки шароити муносиб муҳайё созанд. Вақте рӯзҳои дамгирӣ ба хона меомад, апаи Бозоргул хӯрокҳои болаззату нонҳои башир пухта ҳамсоязанҳоро ҷеғ мезад ва бо духтари донишҷӯяш, ки он рӯзгор аз деҳаҳо духтарони донишҷӯ ангуштшумор буданд, фахр мекард. Дар бозгашт падараш ба дасташ роҳкиро дода мегуфт: «Духтарам, дар шаҳри калон бепул нагард, эҳтиёт шав!»

Инобат аз оғози солҳои донишҷӯӣ ба олами илм меҳри беандоза дошт. Воқеан, шавқу рағбати ӯ ба фанни биология замоне пайдо шуд, ки ҳамроҳи падараш дар чорбоғи падар, саҳроҳои деҳа сайру гашт мекард. Вай аз падар чӣ тавр кишт ва парвариши мева, нигоҳубини паррандаю ҳайвонотро омӯхта буд.

Соли 1979 донишкадаро хатм намуд ва фаъолияти педагогиашро дар мактаби рақами 31-уми ноҳияаш оғоз намуд. Солҳо сипарӣ шуданд, муҳити мактаб барои муаллимаи ташнаи илм тангӣ кард. Соли 1985 ба кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Сирдарё ба кор омад. Аз устодон моҳият ва асрори илми ҳақиқиро омӯхт. Баъдан дар бахши аспирантураи Институти биохимияи Тошканд таҳсил гирифта, фаъолияташро дар кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Гулистон идома дод. Сипас дар Институти зоологияи АФӮ ба сифати докторант фаъолият бурда, баҳри ҳифзи саломатии инсон, рушди фан мунтазам мутолиа намуд, ҷустуҷӯ кард.

– Аз муаллими одии химия-биология ба унвони доктори фанҳои биологӣ соҳиб гардидани вай осон набуд. Дар замири ин заҳмату машаққат ва бедорхобиҳо нуҳуфта аст. Муаллимро бисёртар дар лаборатория медидем. Буданд ҳасадгӯйҳо, ки мегуфтанд: «Ба зан-мардум дар соҳаи илм чӣ ҳаст? Ба корҳои беҳуда машғул нашуда ба шавҳар барояду оила барпо кунад, фарзанд тарбия намояд...», – мегӯяд узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Норинисо Қосимова. – Инобат баробари ба донишҷӯён сабақ додан, тадқиқотҳои илмиашро идома медиҳад. Таҳти мавзӯи «Усулҳои омӯхтани баъзе норасоиҳои организм дар давраи инкишофи эмбрион (ҷанин)» кори номзадӣ, «Баланд бардоштани мубодилаи моддаҳо ва энергия дар организм бо кумаки бофтаҳои табиӣ дар зери таъсири оксиген ва моддаҳои заҳролуд» рисолаи доктории ҳимоя намуд. Зиёда аз 70 рисолаи илмӣ, мақола ва маърӯза, монография ва дастурҳои методии олима рӯйи чопро дидаанд.

Инобат Ширинова қариб 40 сол аст, ки ба омӯзгорони оянда на танҳо асрори фанни биология, балки дарси ҳаёт, дарси меҳнат, дарси одаму одамгарӣ, некӯӣ, ватандӯстиву халқпарвариро меомӯзад. «Инобат Ширинова нисбат ба фанни худ сахтгир, серталаб аст. Аз талабагон танҳо дониш талаб мекунад, донишҷӯеро, ки ба дарсу машғулотҳояш иштирок намекунад, бад мебинад», – мегӯянд донишҷӯён.

Муаллими саховатпеша баъди марги нобаҳангоми ду хоҳару як додараш сарпарастии фарзандони ноболиғи онҳоро бар дӯш гирифт, ки барои ин дили бузург, иродаи мустаҳкам лозим аст. Ин зани боирода аз ҳаёти шахсии худ, аз ҳаловати худ даст кашид, тамоми ҳаёташро ба тарбияи ҷигаргӯшаҳояш бахшид, онҳоро хононд, соҳиби хонаву ҷой кард.

Барои ободу зебо гардидани қабристони деҳа, ҳамвор ва мумфарш кардани кӯчаҳо саҳмгузор аст. «Дар ин қабристон азизон, падару модарон хобидаанд. Набояд ин манзили табаррукро бе нигоҳубин монем»,– мегӯяд вай.

– Аз пайи кори илмӣ, як поям дар роҳи Тошканд буд. Модари солхӯрдаам ба роҳи ман нигарон мешуд, лаҳзаҳое мешуданд, ки хеле дер бармегаштам. Модарам бохавотир ба кӯчаи калон пешвозам мебаромад. Гоҳе оби дида карда мегуфт: «Инобат, занак бояд шавҳар кунад, фарзанд ба дунё орад, насли худро идома диҳад. Ту бошӣ дар даруни коғазу қалам ғӯтида гаштаӣ...»

Зодгоҳи падару модарам – деҳаи Ӯхми ноҳияи Фориш. Дар оила панҷ нафар бародару хоҳарон ба воя расидем. Бузургхоҳарам Шаҳринисо ба синни 70 қадам гузошт. Дар шаҳри Ҷиззах зиндагӣ мекунад. Апаи Ҳидоят то нафақа дар мактаби рақами 31-уми ноҳияи Сирдарё муаллим буд.

Фазилатҳои модарам, ки ӯро дар синни 102 ба хок супурдем, ба ҳамаи мо намунаи ибрат мебошад. Аз ҳаёт, аз рӯзгор умуман наменолид, ба расоиву норасоии рӯзгор шукрона мегуфт. Вақте ҳар субҳ ба кор мешитофтам, ду даст ба дуо мебардошт: «Илоҳо мартабаат бузург шавад, хокро гирӣ зар шавад, насибаат бутун шавад!»,– мегӯяд Инобат Ширинова.

Оре, шоир барҳақ фармудааст:

*Тақдири насли миллат бар зиммаи ту бор аст,*
*З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст?*
*Омӯзгор он гаҳ мамнуну бахтиёр аст,*
*Шогирди бовафояш бар халқ ифтихор аст,*
*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МОМОИ КӮҲИСТОНӢ

### *ё худ лавҳаҳо аз ҳаёти «Момои қошуқ»*

## СОЛҲОИ МУШКИЛ



Соли 1939-уми асри гузашта чун дигар манотиқ барои мардуми кӯҳистони Фангати ноҳияи Олтинсой низ соли вазнин буд. Барфҳое, ки пай дар пай мебориданд, ҳама ҷо, пасту баландиҳои атрофу акнофро пӯшонида, барои чорвои калону хурди ин диёр мушкилӣ ба бор оварданд. Мардуми деҳа, ки фасли гармо каҳдонҳоро аз озуқаи чорво пур карда буданд, дар сармои зимистон аз шиддати хунукӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ омаданд. Зимистони қаҳратун чун ҳокими давр ҳоли мардуми кӯҳистонро ба танг овард. Одамон барои он, ки гову гӯсфандон аз сармо ва гуруснагӣ намиранд, коҳу алафе, ки дар чиллаи тобистон ҷамъ оварда буданд, дар чиллаи зимистон сарф намуданд. Каҳдонҳо аз муддат пештар холӣ шуданд. Замини барфпӯш имкон намедод, ки кас хасу хошоке пайдо намояд. Дар бисёре аз хонадон чорвои реза аз гуруснагӣ талаф ёфтанд. Ин ҳол ба хоҷагиҳои чорвопарварӣ зарари калон овард. Рафтуо дар кӯҳистони Фангат мушкил гашта буд. Дар ҳамин чиллаи сахти зимистон дар хонадони марди обрӯманди деҳа, амаки Нормурод духтарчае ба дунё омад, ки номи ӯро наздиконаш Холбибӣ ном ниҳоданд. Холбибӣ баъд аз фарзанди якуми ин хонадон, ки Қурбонмурод ном дошт, ба дунё омад. Вай духтари ҳушёру зирак ва хушзеҳн буд. Ҳар чизеро, ки аз атрофиёни худ медиду мешунид мисли тӯтӣ такрор менамуд. Қаҳрамони мо аввал дар мактаби зодгоҳаш, ки филиали мактаби Ҳавз буд, баъд дар мактаби деҳаи номбурда хонд.

Фангат, ки аз маркази Ҳавз дур буд, омадурафти хонандагон ба марказ имкон надошт. Он замон хонандагон синфҳои поёниро дар зодгоҳи худ – Фангат хатм намуда, пас хонданро ба марказ – деҳшурои Ҳавз омада, давом медоданд. Вай баъди хатми мактаби миёна – синфи 7-ум дар колхоз кор кард. Дар мавзеи Паси Шӯр ба ҷавони танумандe, ки баъди 3-соли хидмати ҳарбӣ ба ватан баргашта буд, ба шавҳар баромад.

## ДАВРОНИ НАВ

Баъди ба ин ҷавон – Намоз Мусаибов ба шавҳар баромадан оилаи онҳо аз Фангат ба мавзеи Оқолтини ноҳияи Олтинсой кӯчид. Писари калонии онҳо соли 1963 таваллуд ёфт, ба ӯ Тошбой ном ниҳоданд. Алъон Тошбой деҳқон аст ва дар мулки бобоии худ – дар Паси Шӯр зиндагӣ мекунад. Фарзанди дуюм Турғунбой тоҷир мебошад. Сеюмӣ – Рӯзибой мисли модараш илмдӯст, маърифатпарвар ва дилбохтаи санъати тасвирӣ буда, чанд муддат дар соҳаи матбуоти даврӣ кор кардааст. Фарзандони дигар – Шарифа, Ҳанифа, Норбой, Анвар ҳама соҳиби касбу коранд ва бо меҳнати ҳалол нон мехӯранд. Ин зани бадавлат, ки ҳама ӯро «Момои қошуқ» меноманд, ҳоло 115 набераю абера дорад.

Солҳои 1987-2010 бо дастгирии раҳбари шуъбаи маданият ва маърифати ноҳияи Олтинсой Йӯлдош Тағоев ва директори Хонаи маданият Рустам Маҳмарову раҳбари бадеии он Исматулло Тошматов гурӯҳи этнографию фолклорӣ ташкил намуда, ҳамроҳи Бибихол Одинаева, Гулнора Ҷӯраева, Пардахол Ҳидоятова, Лайло Ҷӯраева, Ирода Ҷӯраева, Ситора Бӯриева, Салтанат Норқулова, Бунафша Раҳимова кор кард. Вай дар ин гурӯҳ якҷо бо ҳамкасбонаш рубоиёти халқӣ ва суруду рақсҳои миллиро бо як маҳорати хоса иҷро намуда, дар дилу дидаи мардум ҷо гирифт. Дар фестивал ва ҷашнҳои бузурги санъат баромад карда, соҳиби ҷойҳои намоён шуд.

Ин бонуи фарҳангдӯст, алҳол ҳарчанд даври пирӣ меронад, дили ҷавон дорад. Асбобҳои чангиро бо маҳорат менавозад ва сомеъонашро ба ҳайрат меоварад.

Вай чандин маротиба ба ҷоизаҳои давлатӣ соҳиб гаштаву мукофотонида шудааст. Бахусус, рақсҳои вай бо қошуқ бинандаро ба шӯр меоварданд, аз ин рӯ мардум аз вай чун «Момои қошуқ» пазироӣ мекарданд. Момои қошуқ табъи онҳоро хуш мекард, шодию сурур мебахшид. Момои табаррукро ҷамъи набераю аберагон «Момои қошуқ» гуфта дӯст медоранд. Ин момои зиндадил 85-сола шуда бошад ҳам, «аз бекор Худо безор» гуфта, худро гоҳ ба ину гоҳ ба он кор машғул медорад. Ба рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ аз ҷумла ба рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Ховар» мухлис аст.

Вақте ки банда ҳамроҳи муаллим Шавкати Абдураҳмон ба зиёрати момои дарёдил рафтем, ӯ моро хуш пазируфта, таъкид кард, ки дуои ӯро ба Олимҷону Шарифҷон расонем. Алалхусус, ба Шариф Халил барои мақолае, ки дар шумораи 87-уми рӯзномаи «Овози тоҷик» таҳти сарлавҳаи «Ӯзбекистони Навро чӣ тавр месозем?» (2 ноябри соли 2022) чоп шуда буд, миннатдории хешро изҳор намуд.

– Ин ду нафар барои рушду нумӯи илму маърифати вилоятамон саҳми бособо мегузоранд, – илова кард момо.

**Муҳаммадрӯзии ҒАНИЗОД,**

*ноҳияи Олтинсойи*
*вилояти Сурхондарё.*

# ГУЛШАНИ ТАФАККУР

Зан барои башарият аз олитарину азизтарин неъматҳои Парвардигор аст. Ӯ шабу рӯз нигаҳбони ҳаёту созандаи шахсият аст.

**Август КАНТ**

***

Дар хонае, ки зан нест, хушӣ ва рӯшноӣ вуҷуд надорад. Бинобар ҳамин занон шамъу чароғи хонаданд.

**Ҳазрати МУҲАММАД (с.а.в.)**

***

Касе, ки ёри вафодори меҳрубон дорад,
Саодати абаду умри ҷовидон дорад.

**Хусрави ДЕҲЛАВӢ**

***

Занро мӯҳтарам доред, эшон гулҳои осмониро дар ҳаёти замин мекорад.

**Самуэл КАНТ**

***

Дар дунё се чиз аст, ки фаҳми онҳо аз тавоноии ман берун аст: Худованд, ҳақиқати олам, андешаи зан.

**Ҳазрати СУЛАЙМОН**

***

Домони занон дабистони аввалини башар аст. Зан аст, ки ба мо одобу ахлоқ, ҳашамат ва каромоти фаровонро бедареғ ҳадя мекунад.

**ВОЛТЕР**

***

Саодати зан дар калимаи зан нуҳуфта аст.

**Адам МИТСКЕВИЧ**

**Таҳиягар Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**



*Ҳунар ганҷинаи пурзар ва ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридаҳои ҷолибаш мафтунгари дилҳо мешавад. Бибисоро Қунназарова, ки дар маҳаллаи Ақ жағиси шаҳри Нукус зиндагӣ мекунад, яке аз ҳунармандони моҳир аст. Ӯ дар самти эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ фаъолона кор мебарад.*
***Дар сурат: Бибисоро Қунназарова.***
***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 19.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.